Тақриз
ба фишурдаи рисолаи Ғаффорзода Шоҳрух Ҳабибулло дар мавзуи «Хусусиятҳои ғоявию бадеии осори мансури Убайди Зоконӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ, аз рӯи ихтисоси 10.01.01 - адабиёти тоҷик; равобити адабӣ

Низомиддин Убайдуллоҳи Зоконӣ аз зумраи чеҳраҳои писандидаву шаҳири адабиёти форсу тоҷик аст, ки бо осори арзишманду пурмуҳтавои хеш дар олами маънавӣ ва маърифатии башарият тасаллут ёфта, осораш низ дар кишварҳои мухталиф мавриди тарҷума ва табъу нашр қарор гирифта, дар иртибот ба ин осор тадқиқоти зиёди илмӣ низ болои кор омадаанд, ки фарогири шарҳу омӯзиш ва рӯнамоии паҳлуҳои рӯзгор ва осори мавсуф мебошанд.

Рисолаи тадқиқотии Ғаффорзода Шоҳрух низ, ки дар мавзуи таҳқиқи ҳунари эҷодӣ бо фарогирии ҷанбаҳои осори мансури ин адиб, аз қабили «Ахлоқ-ул-ашроф», «Ришнома», рисолаи «Дилкушо» «Садпанд», «Даҳфасл», «Мактуби қаландарон», «Наводир-ул-амсол» ва ёдоварӣ бар мутуни қасоиду рубоиёту ғазалҳои ҷудогонаи ӯ таълиф шудааст, падидаи илмие ба шумор меравад, ки метавонад ақидаҳои дақиқ ва тозатареро дар холигоҳи мавзӯъҳои бахшида ба рӯзгор ва осори Убайди Зоконӣ бо мақсади пурра гардонидани онҳо ба такомул афзояд.

Чунонки бармеояд, муаллифи рисола мутобиқи аҳдофи пажуҳандагии хеш пеш аз ҳама паҳлуҳои номакшуфи ҳунари ин адиби соҳиби лутфу навозиш ва назари сареҳи шоиронаву носиронаро, ки то кунун дар доираҳои илмии Тоҷикистон ба дараҷаи зарурӣ баррасӣ нагардида буданд, мавриди таҳлилу баҳрабардории илмӣ қарор дода, мазмуну мундариҷа ва хусусиёти ғоявии осори ӯро дар заминаи ҳаҷву мутоибот, танзу тамсилот, нақди иҷтимоӣ, шикоёту ҳикоёти мудаххил бар ҳолу рӯзгори мардум, инчунин тарзи корбурди ҳикматҳои мардумӣ ва баёну нигориши сувар дар эҷодиёти онро дар заминаи истифода аз луғоту таърифот бо гунаи корбурди истиороту ташбеҳот ва дигар санъатҳои бадеӣ тадқиқ ва муайян намудааст.

Ғаффорзода Ш. дар рисолаи хеш қабл аз ҳама осори мансури худи Убайди Зоконiро ба сифати маъхаз мавриди истифода қарор дода, ҳамчунон аз «Тазкират-уш-шуаро»-и Давлатшоҳи Самарқандӣ, «Хулосат-ул-ашъор ва зубдат-ул-афкор»-и Тақиюддини Кошонӣ, «Рӯзи равшан»-и Ҳусайни Сабо ва осори дигари адабӣ-таърихӣ ва илмии тадқиқотӣ аз ҷумлаи нигоштаҳои адабиётшиносони муосири Тоҷикистону Эрон ба сифати сарчашмаҳои муътамад мурочиат намуда, дар ҳалли вазифаҳои ба миён гузоштаи худ ҷиҳати тақвият додани

назари тадқиқотӣ ва комил гардонидани кори илмӣ саъйи ҷӯяндагӣ ва дарёфти муваффақият кардааст ва чунон ки зоҳир мегардад, ӯ бо дарки масъулият ба умқи масоили образҳои офаридаи Убайди Зоконӣ чи дар лутфу мутоиба ва чи дар танзу накд ва мақсади пешгузоштаи ӯ дар осори маърифативу иҷтимоии офаридааш ворид гардида, аҳамияти маънавӣ, ахлоқӣ, фалсафӣ, ва адабии ин осорро дар муқоиса бо афкори дигар адибон ба сароҳат муайян месозад.

Сохтори рисолаи Ғаффорзода Шоҳрух аз муқаддима, се боб ва фаслҳои марбут ба онҳо, хулоса ва феҳристи маъохизу адабиёти илмӣ-татқиқотӣ иборат аст.

Муқаддимаи рисолаи илмӣ дар бораи дараҷаи омӯхта шудани мавзуъ, аҳамият ва тозагии он, аҳдофу вазоифи матраҳшуда, усулҳои таҳқиқ, ҷанбаҳои илмиву амалии натиҷаҳои тадқиқоти анҷомдодашуда маълумот дода, боби якуми рисола «Осори мансури Убайди Зоконӣ ва хусусияти жанрии онҳо» (иборат аз се фасл), боби дуюм «Хусусиятҳои ғоявии осори мансури Убайди Зоконӣ» (иборат аз панҷ фасл), боби сеюм «Хусусиятҳои бадеии насри Убайди Зоконӣ» (иборат аз се фасл) унвонгузорӣ шудаанд, ки дар алоҳидагӣ ҳар бахш ва фаслҳои муштамил бар ановини бобҳои номбаршуда бо дарназардошти ҷанбаҳои ҳунари тасвирпардозӣ, вижагиҳои забонӣ, баёни матолиб ба тариқи корбурди калимоту ибороти муғоир, воқеиятнигорӣ, дарёфти роҳҳои услубии истифода аз санъатҳои лутфу танз, сайқал додани сабки фардӣ ва салиқаи офарандагӣ ва мушаххас намудани ҷойгоҳи наср дар осори ӯ мавриди таҳлилу баррасии муфассали илмӣ қарор ёфтаанд.

Бояд тазаккур дод, ки муаллифи рисола дар се боби таъкидгардида нақши эҷодӣ, образофарӣ ва маънисозии Убайди Зокониро бо шеваи комгорона дар сабки хоси офарандагии ин адиб ҳамчун сарчашмаҳои муътамад баррасӣ намуда, андеша ва мулоҳизоти хешро бо иқтибоси намунаҳои фаровоне бо таваҷҷуҳи бештар бар осори мансури дар давраҳои гуногун батабърасидаи он собит намудааст.

Дар маҷмуъ рисолаи мазкур тадқиқоти баанҷомрасидаи илмӣ буда, муаллифи он соҳиби донишу таҷрибаи кофӣ дар таҳқиқи масъалаҳои таърихи адабиёти форсу тоҷик аст.

Бо вуҷуди бархе аз норасоиҳои имлоӣ ва ҷузъии техникӣ аҳамият ва арзиши илмиву амалии рисолаи Ғаффорзода Шоҳрух коста намегардад ва месазад қайд кард, ки муаллифи рисола аҳдофу вазифаҳои бамиёнгузоштаи хешро амалӣ намуда ва асари ӯ падидаи тоза ва ҷолиб дар шинохти назар ва ҷойгоҳи Убайди Зоконӣ дар адабиётшиносии тоҷик ба шумор меравад. Мақолаҳои дар робита ба мавзуъ

батабърасонидаи муаллиф низ гувоҳи равшананд, ки мазмуни асосии рисолаи ӯро дар худ таҷассум намудаанд.

Бо тавзеҳ бар гуфтаҳои фавқ афзуданист, ки рисолаи тадқиқотии Ғаффорзода Шоҳрух дар мавзуи «Хусусиятҳои ғоявию бадеии осори мансури Убайди Зоконӣ» ба талаботи КОА-и Ҷумҳурии Тоҷикистон ва хостаҳои муосири илмӣ, ки аз рисолаҳои докторӣ тақозо карда мешавад, ҷавобгӯст ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.01.01 – адабиёти тоҷик; равобити адабӣ мебошад.

Муқарриз: д.и.ф., профессори
кафедраи назария ва таърихи
адабиёти ДДЗТ ба номи С. Улуғзода **Салими Хатлонӣ**

Имзои д.и.ф., профессор Салими Хатлониро тасдиқ менамоям:

ШЎЪБАИ КАДРҲО

Сардори шуъбаи кадрҳои
ДДЗТ ба номи С.Улуғзода **Наҷмуддинов Ш.**

Суроға:
734190, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе,
кӯчаи Ф.Муҳаммадиев, 17\6
Тел: +992 37 232 50 00
E-mail: rectorat@ddzt.tj;
Сомонаи расмӣ: www.ddzt.tj

«06» октябри соли 2022.